# 5.6 (07 00 00) ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 5.6 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
# 5.6. HISTORICAL SCIENCES

## 5.6.1(07 00 02) ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 5.6.1 ТАЪРИХИ ВАТАН
## 5.6.1 HOME HISTORY

*УДК 947 (575.3)*
*DOI 10.24412/3005-849X-2024-1-5-11*

***РАБАЗ- ҶУЗЪИ ШАҲРИ АСРИМИЁНАГИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН***

***Турсунова Шаҳноза Муҳсиновна,*** *омӯзгори кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***РАБАД - СОСТАВНАЯ ЧАСТЬ СРЕДНЕВЕКОВОГО ГОРОДА МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА***

***Турсунова Шахноза Мухсиновна,*** *преподаватель кафедры археологии, этнографии и религиоведения ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

***RABAD AS AN INTEGRAL PART OF THE MEDIEVAL CITY OF MAVERENNAHR AND KHORASAN***

***Tursunova Shakhnoza Mukhsinovna****, Lecturer of the Department of Archaeology, Ethnography and Religious Studies,under SEI “KhSU named after academician B. Gafurov”, (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *shahnoza@inbox.ru*

*Масъалаи ташаккули рабаз ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи шаҳри асримиёнагӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон баррасӣ шудааст. Маҳз дар натиҷаи ташаккули рабаз дар асри IX-X симои шаҳрдории шаҳрҳои Осиёи Миёна тағйир ёфта, онҳо ба марҳилаи дигари рушд гузаштанд. Роҳҳои пайдоиш ва инкишофи рабазҳо аз ҷумла афзоиши аҳолӣ, рушди истеҳсолоти ҳунармандӣ, инкишофи савдои дохилӣ ва беруна баён гардида, онҳо ҳамчун сабабҳои асосии инкишофи рабаз тавсиф шудааст. Маълумоти маъхазхои хаттӣ бо натиҷаҳои бозёфтҳои археологӣ дар ташаккули рабаз муқоиса карда шудааст. Дар мисоли Бунҷикат-пойтахти Уструшана, Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳо ки давраи нашъунамояшон ба асрҳои X-XI рост меояд, муаллиф ба се қисмат тақсим шудани шаҳрро таъкид кардааст. Нақши мустамликадории арабҳо дар ташаккули рабазҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва ба марказҳои ҳунармандӣ ва тиҷорат табдил ёфтани онҳо қайд карда шудааст, ки дар натиҷа маҳз рабазҳо ба сераҳолитарин қисмати шаҳр табдил меёбанд.*

**Калидвожаҳо:** *рабаз, шаҳри асримиёнагӣ, Мовароуннаҳр ва Хуросон, марказҳои ҳунармандӣ ва савдо, давраи феодализми муттараққӣ, забткориҳои арабҳо*

*Рассматривается формирование рабада как составной части средневекового города в Мавераннахре и Хорасане, в результате чего в IX-X веке меняется городской облик среднеазиатских городов и они переходят к следующему этапу развития. Рассматриваются пути развития рабадов: рост населения, развитие ремесленного производства, внутренней и внешней торговли, которые характеризуются как основные причины развития рабада. Сопоставляются данные письменных источников с археологическими данными о сложении рабадов. На примере Бунджиката, столицы Уструшаны, Самарканда, Бухары и других городов, расцвет которых приходится на X-XI*

*век, приводятся археологические данные, указывающие на трёхчастное деление города. Отмечается роль арабской колонизации в формировании рабадов и городов Мавераннахра и Хорасана, а также в их превращении в центры ремесла и торговли. Постепенно именно рабады становятся наиболее оживленной и населенной частью города.*

***Ключевые слова:*** *рабад, средневековый город, Мавераннахр, Хорасан, предместье, торгово-ремесленный центр, период развитого феодализма, завоевание арабов*

*The article studies rabad establishment as a part of medieval city in Maverennahr and Khorasan, as a result of which the urban appearance of Central Asian cities changes and they pass to another stage of development. The author reviews the ways of rabads establishment like population growth, development of handicraft production, internal and external trade. These ways are described as the main reasons of rabad development. The data of written sources are compared with archaeological sources in the development of rabads. On the example of Bunjikat, the capital of Ustrushana, Samarkand and Bukhara and other cities which flourished in the X-XI century, archeological data shows that the city was divided into three-parts. The paper also describes the role of Arab colonization in the establishment of rabads and cities of Maverennahr and Khorasan, as well as their transformation into centers of crafts and trade. Gradually, it was the rabads that became the most lively and populated part of the city.*

***Key words****: rabad, medieval city, Maverennahr and Khorasan, suburb, trade and craft center, period of developed of feudalism, Arab conquest*

Яке аз ҷанбаҳои муҳими омӯзиши масъалаи ташаккули шаҳри асримиёнагии Мовароуннаҳр ва Хуросон пайдоиши рабаз ҳамчун маркази иҷтимоию иқтисодии шаҳр мебошад. Маҳз дар натиҷаи рушди рабаз дар асрҳои IX-X симои шаҳрҳои Осиёи Миёна тағйир ёфта, дар давраи феодализми мутараққӣ шаҳрҳо ба марҳилаи нави инкишоф мегузаранд. Рабазҳо, ки дар ибтидо дар назди деворҳои шаҳристон пайдо шуда буданд, тадриҷан ҳам аз ҷиҳати ҳудуд ва ҳам аҳамиятнокӣ нуфуз карда, ба як ҷузъи мукаммали шаҳр табдил меёбанд. Масъалаи ташаккули шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои миёна аз ҷониби мо дар доираи мақолаи алоҳида баррасӣ карда шуда буд [14,43]. Мақсади навиштани ин мақола дар асоси муқоисаи сарчашмаҳои хаттӣ бо маълумоти археологӣ пайгирии роҳҳои рушди рабаз ҳамчун яке аз ҷузъҳои ҷудонопазири шаҳрҳои давраи феодализми мутараққӣ, инчунин муайян намудани нақши забткориҳо ва ҳукмронии арабҳо дар ташаккули рабазҳои Мовароуннаҳру Хуросон мебошад.

Масъалаи ташаккули рабаз чун ҷузъи ташаккулёфтаи шаҳри асримиёнагии Мовароуннаҳру Хуросон, мутаассифона, мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Сабабҳо ва роҳҳои раванди ташаккули рабаз низ таҳқиқ нашудаанд. Муҳаққиқон танҳо мавҷудияти рабазро дар сохтори шаҳр қайд карданду халос.

Яке аз аввалин шарқшиносоне, ки дар асоси маълумотҳои манбаъҳои хаттӣ рушди шаҳри асримиёнагиро тавсиф кардааст, В.В. Бартолд буд. Дар мисоли шаҳрҳои пешқадами Мовароуннаҳр, монанди Самарқанд, Бухоро ва Марв, ӯ нишон додааст, ки чӣ гуна топографияи шаҳри асримиёнагӣ тадриҷан мураккаб гашта, шаҳр ба маркази ҳунармандӣ ва савдо табдил меёбад. Маҳз В. В. Бартолд кушиш намуд, роҳҳои ташаккули шаҳрҳои асримиёнагии Мовароуннахр ва Хуросонро пайгирӣ карда, маънои дақиқи истилоҳоти ҷуғрофишиносон ва муаррихони асрҳои IX-X-ро оид ба қисматҳои шаҳр муайян созад. Яке аз аввалинҳо шуда ақидаи дар ҳудуди рабаз инкишоф ёфтани шаҳрро баён намуд. Ҳангоми таҳияи корҳои худ В. В. Бартолд борҳо қайд кардааст, ки дар адабиёти ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-X барои ишора ба қисматҳои шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон истилоҳоти махсус истифода шудааст. Дар Шарқи асримиёнагии исломӣ тасаввуроти

шаҳр ҳамчун маркази маъмурӣ бартарӣ дошт [2,30]. Он дар калимаи арабии «мадина» ба таври возеҳ ифода ёфтааст, ки қисмати маъмурии шаҳр дар назар дошта мешуд. Дар забони форсӣ бошад, ин қисмати шаҳр “шаҳристон” ном дошт. Истилоҳи дигари арабӣ “қалъа”, ки дар асрҳои миёна ҳамчун арки шоҳу ҳокимон дониста мешуд, дар забони форсӣ низ мафҳуми қиёсии худро дошта, бо калимаи “диж” ифода мешуд. Рабаз бошад, истилоҳи арабӣ буда, дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ маъноят “девор”, “ҳисори гирди шаҳр”, “гирдогирди ҳисори шаҳр” омадааст [15, 137] ва дар забони форсӣ мафҳуми қиёсии худро надорад. Пас эҳтимолан қисмати сеюми шаҳр, яъне рабаз, ки дар назди деворҳои шаҳристон бунёд мешуданд, пас аз ҳуҷуми арабҳо пайдо шуда, ташаккул ёфааст.

Ҳанӯз пеш аз В.В. Бартолд В.А.Жуковский дар асари худ «Развалины старого Мерва» яке аз аввалинҳо шуда, кӯшиш намудааст сохтор ва таҳаввули шаҳри осиёимиёнагиро тадқиқ ва роҳҳои инкишофи онро равшан кунад. Ба ин кори В.А.Жуковский В.В. Бартолд баҳои баланд дода, қайд намудааст: «Он тадқиқоте, ки В.А.Жуковский доир ба таърихи қадимаи шаҳр гузаронидааст, дар ягон дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна ва ё Форс дида намешавад «[12,57]. Агар В. А. Жуковский ва В. В. Бартольд назарияи ба се қисмат тақсим шудани шаҳрҳои асримиёнагии давраи мутараққию танҳо аз диж ва шаҳристон иборат будани шаҳри асримиёнагии барваҷтро пешниҳод намуда бошанд, А. Ю. Якубовский оғози ташаккули шаҳри феодалиро дар асрҳои VII-VIII дониста, анҷоми онро дар асри X баён намудааст [16,149]. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки дар давраи аз асри VII то асри X ҳаёти фаъоли шаҳр аз шаҳристон ба рабаз мегузарад.

Шарқшинос ва бостоншиноси машҳури рус О.Г. Болшаков, ки ба омӯзиши шаҳри асримиёнагӣ машғул буд ва рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Шаҳри Осиёи Миёна дар охири асри VII - аввали асри XIII» ҳимоя кард, дар монографияи худ «Шаҳри асримиёнагии Шарқи Наздик асри VII - миёнаи асри XIII» мавҷуд будани рабазҳоро дар лаҳзаи забти арабҳо дар шаҳрҳои Шарқи Наздик қайд намуда, ҳангоми муқоисаи рабазҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна зикр кардааст, ки бештари шаҳрҳои Осиёи Миёна бо ду ва ё се ҳалқаи деворҳо иҳота карда шуданд, дар Шарқи Наздик бошад танҳо баъзе рабазҳо бо девор муҳофизат карда шуда, дар аксари рабазҳо деворҳои иловагӣ вуҷуд надоштанд, ки аз вусъати ҳудудии шаҳрҳои Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад [4,108].

Аксари муҳаққиқон дар масъалаи пайдоиш ва ташаккули рабаз чун як қисми таркибии шаҳри асримиёнагӣ ё умуман дар масъалаи ташаккули шаҳрҳои асримиёнагии Мовароуннаҳр ва Хуросон, пеш аз ҳама, маҷмӯи шароити иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ, ба монанди афзоиши шумораи аҳолӣ, болоравии истеҳсолоти ҳунармандӣ, савдои дохилӣ ва хориҷиро ба назар гирифтанд. Аз ин рӯ, дуруст аст, ки дар ҷараёни афзоиш шаҳрҳои асримиёнагӣ бо сабаби мавҷудияти деворҳои мудофиавӣ наметавонистанд ба таври уфуқӣ вусъат ёбанд, бинобар ин шаҳр дар паси деворҳои шаҳристон рушд мекард. Яке аз шартҳои ин раванд ҷойгир шудани кишоварзон ва ҳунармандони деҳотие, ки шаҳрро бо маҳсулоти хӯроквориӣ ва ҳунармандӣ таъмин мекарданд, дар паси деворҳои мудофиавии шаҳр буд [8,123]. На танҳо ҳунармандони деҳот, балки баъзе ҳунармандони шаҳр, ки бо оташ кор мекарданд, паси деворҳои он кӯчонида шуданд [3,46]. Дар натиҷа, дар паси шаҳристон биноҳои хусусияти маъмурӣ дошта бунёд гашта, қисми сеюми шаҳр рабаз ташаккул меёбад. Аммо тавре ки натиҷаҳои тадқиқоти муҳаққиқони ин масъала нишон медиҳанд, роҳҳо ва раванди ташаккулёбии рабаз ҳамчун ҷузъи мукаммали шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон гуногун ва мураккаб буда, раванди пайдоиши қисмати сеюми шаҳрҳои Мовароуннахру Хуросон бештар ба хусусиятҳои худи шаҳр вобаста аст.

Дар байни муҳаққиқони ин масъала ақидае маъмул аст, ки истилои арабҳо раванди ташаккулёбии рабазро ҳамчун маркази ҳунармандӣ ва савдои шаҳри асримиёнагӣ тезонид. Маҳз арабҳо муҳоҷирон ва қисмҳои низомии худро дар паси деворҳои мудофиавӣ ҷойгир мекарданд ва дар натиҷа дар он ҷо дар оянда биноҳои хоси шаҳрӣ ба вуҷуд меоянд [6,64]. Ин фарзия то андозае бо он тасдиқ карда мешавад, ки дар Испания низ маҳалҳое, ки дар наздикии урдугоҳи мудофиавӣ ташкил шудаанд, рабаз номида мешуданд [7, 26-33].

Аммо тавре ки В.А. Лавров қайд мекунад, аллакай дар рафти забти Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо раванди ташаккули рабаз идома дошт. Маҳз асрҳои VIII-X замони ташаккул ва ба марказҳои ҳунармандӣ ва савдо табдил ёфтани рабазҳо ба ҳисоб рафта, ҳаёти фаъоли шаҳр ба рабаз мегузарад. Маҳз рабазҳо баъдан қисми сераҳолитарини шаҳр мешаванд. Шаҳристон бошад, чуноне ки дар Марв ва Самарқанд мушоҳида мешавад, тамоман аз байн меравад, ё аз нав сохта шуда, бо рабаз мепайвандад ва ба монанди Бухоро бо девори ягона иҳота карда мешавад ва ба як қисми пурраи шаҳр табдил меёбад. Дар рабаз биноҳои беҳтарин пайдо мешаванд ва баъди дар ин ҷо сокин шудани аҳолӣ биноҳои асосии фарҳангӣ низ ба рабаз кӯчонида мешаванд.

Аксари муҳаққиқон ақида доранд, ки танҳо пас аз асри VII шаҳрҳои дуқисма тадриҷан ба сеқисма табдил ёфтанд. Вале В. Пянков, муҳаққиқи таърихи қадимаи Осиёи Миёна қайд мекунад, ки дар шаҳрҳои Мовароуннахр ва Хуросон сохтори сеқисмаи шаҳр ҳанӯз дар даврони пеш аз араб пайдо шуда, ба аксари шаҳрҳои давраи қадим ва ибтидои асрҳои миёна хос мебошад [11, 134]. Маълум нест, ки сухан дар бораи рабаз ё қитъаи нимдеҳотии берун аз деворҳои шаҳр меравад ё не, вале возеҳ аст, ки баъзе муҳаққиқон шаҳрҳои асрҳои миёнаи барвақтро прототипи шаҳрҳои асрҳои миёнаи мутараққӣ меҳисобиданд.

Табиист, ки арабҳо ҳудуди забткардаашонро бо роҳи ба он маҳалҳо маскун сохтани муҳоҷирон нигоҳ доштанӣ мешуданд. Бино ба ахбори муаллифони араб, баъзе қабилаҳои араб пурра ба шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон кӯчонида мешуданд ва асосан дар паси деворҳои қалъа маскун мегардиданд [9,18]. Дар замони арабҳо ин ҷузъи сеюми шаҳр ба қисмати аз ҷиҳати тактикӣ мустаҳкамшуда табдил ёфт. Тавре ки манбаъҳои хаттӣ хабар медиҳанд, муҳоҷирони араб дар рабазҳое, ки худ бунёд карда буданд, зиндагӣ мекарданд. Дар рабаз асосан қӯшун ва арабҳое, ки заминҳои беҳтаринро соҳиб шуда буданд, сокин мешуданд.

Ба маркази шаҳри асримиёнагӣ табдил ёфтани рабазро В.В. Бартолд чунин қайд кардаст: «Муҳоҷирати арабҳо ба минтақаҳои забтшуда боиси дар ин ҷо ташкил шудани урдугоҳи ҳарбӣ, ишғоли ҳудудҳои муайян аз ҷониби қабилаҳои бадавӣ ва бо суръат ба маркази ҳаёти шаҳрӣ табдил ёфтани рабаз мегардад» [2,30].

Баъди истилои арабҳо, рушди хоҷагидорӣ ва тиҷорати пуравҷи байналхалқӣ боиси инкишофи ҳунармандӣ ва тиҷорат дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон гардид. Шаҳристони собиқ наметавонист ҳамаи сокинонро ҷойгир кунад. Дар натиҷа, дар наздикии деворҳои шаҳр рабаз ба вуҷуд меояд, ки дар он ҳаёти ҳунармандӣ ва тиҷоратии шаҳр тамаркуз меёбад, бозорҳои асосии шаҳр ҷойгир карда мешаванд. Ин тағйиротро дар мисоли Бухоро дидан мумкин аст, ки масоҳати шаҳр дар давраи Сомониён хеле тавсеа ёфта, дар асри IX барои муҳофизати рабаз девори нав сохта шуд.

Дар мисоли Самарқанди асримиёнагӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар асрҳои IX-X ҳудуди шаҳр ба ҷануб, ғарб ва шарқ васеъ мешавад, маҳз дар ин ҷо рабаз - маркази савдо ва ҳунармандӣ ташаккул меёбад, ҳарчанд шаҳристон ҳанӯз ҳам чун маркази маъмурӣ аҳамияташро аз даст надода буд, маҳалли сукунати аъёну ашрофи шаҳр маҳсуб меёфт.

Дар бораи мавҷудияти рабаз дар Самарқанд Ибни Ҳавқал, ки дар солҳои 960-970 дар Самарқанд қарор дошт гуфтааст: “Самарқанд шаҳрест, ки дар ҷануби дарёи Суғд, баландтар аз он ҷойгир аст ва дар он қалъа, шаҳристон ва рабаз мавҷуданд” [5,49]. Муаллифи дигари асримиёнагӣ Ҷайҳонӣ ҳангоми тасвири Самарқанд қисматҳои онро номбар карда, дар бораи мавҷудияти рабаз дар паси деворҳои шаҳристон маълумот додааст. Ҷойи серодамтарини рабаз бозори Сари Ток буд, ки ҳамаи бозорҳо ва маҳаллаҳо ба он пайваст мешуданд [13,135].

Дар асрҳои IX-X низ чун пештара Самарқанд яке аз марказҳои бузурги ҳунармандӣ ва савдои Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт. Ҳатто дар замони Сомониён, вақте ки шаҳр нақши пойтахти расмиро аз даст дод, ҷуғрофони араб онро ҳамчун пойтахти Суғд тавсиф мекунанд. Чуноне, ки Ибни Ҳавқал хабар медиҳад, дар охири асри X баъзе қисматҳои шаҳристон холӣ монда, рабаз аз ҳама қисмати сераҳолитарин шаҳр мегардад. Бино ба шаҳодати манбаъҳои хаттӣ, биноҳои рабаз аз шаҳристон фарқе надоштанд ва дар натиҷа, рабаз тадриҷан ба маркази иқтисодии шаҳр табдил меёбад. Лозим ба зикр аст, ки фаъолияти шаҳристони Самарқанд бо ҳамин ба итмом намерасад, балки бо оғози ҳукмронии Иброҳим Тамғочхон, ки онро пойтахти худ интихоб карда буд, аз нав рушд мекунад [1,63].

Дар мисоли Бунҷикат-пойтахти Уструшана низ шаҳреро мушоҳида кардан мумкин аст, ки давраи шукуфоиаш маҳз ба асрҳои X-XI рост омада, муаллифони асримиёнагӣ ба монанди Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва Ибни Ёқут қайд кардаанд, ки шаҳрро оби фаровон, боғҳои зебо иҳота карда, дар мавзеи зебо ҷойгир аст. Бунҷикат сераҳолӣ буда, аз ҷиҳати этникӣ якхела буд. Он аз шаҳристон, кухандиз, рабаз иборат буд. Шаҳристони шаҳр бо девори махсус иҳота карда шуда, ду дарвоза дошт—дарвозаи болоӣ ва шаҳрӣ ва масҷиди ҷомеъ дар он ҷойгир буд. Аз як ҷониби он ҷӯйи Сарин ҷорӣ буда, дар он осиёб сохта шуда буд. Шаҳристони Бунҷикат, тибқи маълумоти Ибни Ёқут ва Балозурӣ, номи худро дошта, онро Кунб мегуфтанд [10,190].

Рабаз бошад, бо девори алоҳида иҳота карда шуда, чор дарвоза дошт. Дарозии ҳар як тарафи деворҳои рабаз тақрибан ба як фарсах (8,5-9 км) баробар буд. Қасри ҳоким дар рабаз ҷойгир буда, шаҳристон, рабаз ва куҳандиз бо девори алоҳида иҳота шуда буд. Ин девор қасрҳои атрофи шаҳр, иншоотҳо, кӯшкҳо, боғу токзорҳо ва полизҳои гирди шаҳрро дарбар мегирифт. Паси ин девор деҳаи ҳамноми шаҳр ҷойгир буд [10,191].

Қисми сеюми Бунҷикат, яъне рабазро муҳаққиқон бо боқимондаҳои димнаи сеюм, ки дар худи деҳаи Шаҳристон ҷойгир аст, муттаҳид мекунанд. Тамоми маводи дар боло овардашуда тасдиқ мекунад, ки дар ин ҷо ҳанӯз дар давраи асрҳои миёна як маҳалли аҳолинишин пайдо шуд, ки тадриҷан ба маркази тиҷоратию ҳунармандц табдил ёфт, ки дар сарчашмаҳо бо истилоҳи рабаз ифода мешавад. Дар асри X рабаз бо девори махсус иҳота карда шуд. Аммо ҳаёти шаҳр дар рабаз чунон босуръат рушд карда, дере нагузашта, дар ҳамон аср ва дар оянда, атрофи шарқӣ ва шимолии рабаз ташаккул меёбад. Дар ин бора ҳам бозёфтҳои археологӣ ва ҳам маълумоти ҷуғрофидонҳои арабизабон шаҳодат медиҳанд.

Аз далелҳои дар боло зикршуда, дар мисоли Самарқанд, Бухоро ва Бунҷикати асримиёнагӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки рабази шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон дар паси деворҳои шаҳристон пас аз забти арабҳо дар асрҳои VII-VIII ба вуҷуд омада, тақрибан дар асрҳои IX-X ба қисмати мукаммали шаҳри асримиёнагӣ табдил меёбад. Ба ин раванд рушди босуръати истеҳсолоти ҳунармандӣ мусоидат кард, ки ба туфайли он

тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ дар бисёр шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон рушд кард. Омили дигари ташаккули рабазҳо, эҳтимолан афзоши аҳолии шаҳристон аз ҳисоби кишоварзоне, ки дар шаҳр кор меҷустанд ва муҳоҷирони араб мебошад. Дар қатори омилҳои муҳимми ташаккули рабаз ҷойгиршавии бозорҳо, ярмаркаҳои тиҷоратӣ, дӯконҳо, маҳалҳои ҳунармандонро паси деворҳои шаҳристон, асосан дар назди дарвозаи шаҳр номбар кардан лозим аст, ки якчанд сабаб дошт: якум бо назардошти риояи тозагӣ барои ҳифзи шаҳр аз ифлосшавӣ бо хокистар ва дуди устохонаҳои ҳунармандӣ, дуюм, аз ғалоғулаи устохонаҳо халос кардани шаҳр. Бозёфтҳои бостоншиносии дар рабазҳои шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, асосан хусусияти истеҳсолӣ дошта, аз марказҳои ҳунармандӣ ва тиҷорат будани рабазҳо шаҳодат медиҳад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Анарбаев А. Благоустройство среднеазиатского города Средней Азии (V-начало XIII в.). – Ташкент: Фан, 1981. - 199 с.*
2. *Бартольд В.В. Мусульманский мир. – Санкт-Петербург: Наука и школа, 1922. – 92 с.*
3. *Беленицкий А.М., Бентович И.М., Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. –Ленинград: Наука, 1973. – 388 с.*
4. *Большаков О.Г. Средневековый город Ближнего Востока VII - середины XIII вв. – Москва: Наука,1984. - 342 с.*
5. *Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам / Сомониён дар оинаи таърих, Ҷ.2.- Хуҷанд: Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.- С. 39-79*
6. *Куренной В.Н. Рабады в свете общей проблематики среднеазиатского города VII-XII вв. // Средневековые города Средней Азии и Казахстана. - Ленинград, 1970. – С.61-64.*
7. *Куренной В.Н. Рабады в среднеазиатском градостроительстве // Материалы научной конференции Ленинградского Ордена Трудового Красного Знамени инженерно-строительного института. Архитектура. – Ленинград, 1971. – С. 26-33.*
8. *Литвинский Б.А., Соловьев В.С. Средневековая культура Тахристана. – Москва: Наука, 1985. – 264 с.*
9. *Нагиев Г.Г. Рабад в социальной структуре средневековых городов Азербайджана // Научное образование. - 2016. - № 3. - С.18-27.*
10. *Негматов Н. Н. и Хмельницкий С. Средневековый шахристан. – Душанбе: Дониш, 1966. - 199 с.*
11. *Пьянков И.В. Город Средней Азии ахаменидского времени по данным античных авторов // Древний Восток: города и торговля. – Ереван, 1973. – С. 126-135.*
12. *Смирнова, О.И. Место труда В.А. Жуковского «Древности Закаспийского края. Развалины старого Мерва» в истории изучения среднеазиатских городов // Очерки по истории русского востоковедения. Сборник V. Памяти В.А. Жуковского. - Москва: Издательство восточной литературы, 1960. - С. 50-58.*
13. *Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / Сомониён дар оинаи таърих, Ҷ.2.-, Хуҷанд: Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.- С. 135-149*
14. *Турсунова Ш.М. Сложение среднеазиатского средневекового города // Учёные записки Худжанского государственного университета им. академика Б.Гафурова. Гуманитарные науки. - 2022. - №3(72). - С. 41-46.*
15. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷики. Ҷ. 2. - Душанбе, 2010. - 1095 с.*
16. *Якубовский А.Ю. Феодальное общество Средней Азии и его торговля с Восточной Европой в X-XV веках / В кн.: Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. Часть первая. - Ленинград, 1932. – С. 149-156.*

**REFERENCES:**


1. *Anarbaev A. The Improvement of Central Asian Cities (V-beginning of the XIII century). - V., 1981: Tashkent, Fan.- 199 pp.*
2. *Bartold V.V. The Muslim World. - SPb.: Nauka i shkola, 1922. - PP. 30*
3. *Belinsky A.M., Bentovich I.M., Bolshakov O.G. Medieval City of Central Asia. -L.: Nauka, 1973. -388 pp.*
4. *Bolshakov O.G. Medieval City of the Middle East VII- middle of XIII century. -Moscow: Nauka, 1984.- 342 pp.*
5. *Jayhony. Ashkol-ul-Olam / Somanians in the Mirror of History, Vol. 2.- Khujand: Publishing house named after Rahim Jalil, 1998.- P. 39-79*
6. *Kurenoy V.N. Rabady in the Light of the General Problems of the Central Asian City of VII-XII centuries // Medieval cities of Central Asia and Kazakhstan. L., 1970. - PP.61-64*
7. *Kurenoy V.N. Rabads in Central Asian Urban-Planning. // Materials of the scientific conference LISI Architecture. - L., 1971. - PP. 26-33*
8. *Litvinsky B.A., Soloviev V.S. Medieval Culture of Takhristan. - M:. Nauka, 1985. – 264pp.*
9. *Nagiyev G.G. Rabad in the Social Structure of Medieval Cities of Azerbaijan // Scientific Education. -№ 3, 2016.- PP.18-27*
10. *Negmatov N.N. and Khmelnitsky S. Medieval Shahristan.- Dushanbe: Donish, 1966.-199pp.*
11. *Pyankov I.V. The City of Central Asia of Akhamenids Time According to the Data of Ancient Authors // Ancient East: cities and trade. - Yerevan, 1973. - PP. 134.*
12. *Smirnova, O.I. The Place of V.A. Zhukovsky's Work "Antiquities of the Transcaspian Region. The ruins of Old Merv" in the History of the Study of Central Asian Cities // Essays on the History of Russian Oriental Studies. Collection V. In memory of V.A. Zhukovsky. Moscow: "Vostochnaya Literatura" Publishing House. 1960.- 147pp.*
13. *Ibn Havqal. Surat-ul-arz / Somanians in the mirror of history, Vol 2.- Khujand: Publishing house named after Rahim Jalil, 1998.- P. 135-149*
14. *Tursunova Sh.M. Formation of Central Asian Medieval City // Scientists' notes..-№3(72), 2022.- PP.41-46*
15. *Farhangi tafsirii zaboni tojiki (Tajik explanatory dictionary). v. 2.-Dushanbe, 2010.- 1095 pp.*
16. *Yakubovsky A.Yu. Feudal Society of Central Asia and its Trade with Eastern Europe in the X-XV centuries, In the book: Materials on the history of Uzbek, Tajik and Turkmen SSR, Part one, L., 1971. - PP.60-62.*